Бани одам аъзои якдигаранд!

Рўзнома аз соли 1924 мебарояд

# Овози тоҷик

آواز تاجیک

Номҳои пешинаи рўзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РЎЗНОМАИ КЕНГАШИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН

27 сентябри соли 2003. Шанбе № 74 (12917)

Дар фурўш нархи озод. Рўзнома соати 18.30 имзо гардид.



## Пазирой дар қароргоҳи Оқсарой



***Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов 25 сентябр дар қароргоҳи Оқсарой Дабири кулли НАТО Ҷорҷ Робертсонро қабул намуд.***

—Мо Шуморо на танҳо ҳамчун Дабири кулли НАТО, балки ҳамчун сиёсатмадори намоён, ки ба ҳалли бисёр масъалаҳои байналмилалӣ саҳм гузоштаед, мешиносем,—гуфт зимни мулоқот Ислом Каримов.—Аз ҷумла Шумо дар танзими НАТО нирўи зиёд харҷ кардед.

Ўзбекистон бо ин созмон дар доираи мушорикати Шўрои Евроатлантика ҳамкории босамар дорад. Пас аз дохил шудани Ўзбекистон ба барномаи «Мушорикат ба хотири сулҳ»-и НАТО соли 1994 мамлакати мо мунтазам дар мулоқотҳо дар сатҳи вазирони корҳои хориҷӣ ва мудофиа, инчунин дар ҷамъомадҳои кумитаҳои бонуфузи ин созмон ширкат менамояд.

Ҳамкории дуҷониба чандин вазифаҳоро фаро мегирад. Ҳукумати Ўзбекистон дар бобати таъсиси Маркази омодагӣ дар чаҳорчўбаи барномаи «Мушорикат ба хотири сулҳ» қарор қабул намуд.

Ўзбекистон ва НАТО Барномаи ҳамкории индивидуалиро қабул намуданд. Ин Барнома пешбинӣ менамояд, ки 143 тадбир дар 20 самт, аз он ҷумла машқҳои саҳроии қумондонию ситодӣ ва ҳарбӣ бо ҳадафҳои эҷоди сулҳ ва амалиёти ҷустуҷўиву халоскорӣ ва тадбирҳои расондани кўмаки башардўстона анҷом дода шавад.

Ўзбекистон ва НАТО дар доираи ҳамкорӣ дар соҳаи ба нақшагирии вазъи фавқулоддаи шаҳрвандӣ 28-30 апрели соли ҷорӣ дар вилояти Фарғона машқҳои якҷояро баргузор намуданд. Дар нахустин чунин машқҳо, ки НАТО бори аввал дар Осиёи Марказӣ ташкил намуд, 227 нафар намояндаи кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ширкат доштанд.

Мамлакати мо ҳамкории босамарро бо ин ташкилот дар соҳаҳои илм ва экология ба роҳ гузошт. Бо Кумитаи илми НАТО ҳамкории мо торафт рушд меёбад.

Дар мулоқоти мазкур дар қароргоҳи Оқсарой инчунин мубодилаи афкор дар хусуси масъалаҳои инкишофи минбаъдаи байни Ўзбекистон ва НАТО, вусъат додани ҳамкории бисёрҷанба, мустаҳкам намудани амнияти минтақа ба амал омад.

**(ЎзА).**

**Суратгир: Д.ЮСУФОВ. (ЎзА).**

## Ҷамъомади палатаи савдои амрикоиву ўзбекистонӣ

***24 сентябр дар Маркази тиҷоратии байналхалқии Тошканд ҷамъомади навбатии ҳарсолаи Палатаи савдои амрикоию ўзбекистонӣ (ПСАЎ) ба амал омад.***

Палатаи савдои амрикоию ўзбекистонӣ, ки дар асоси ихтиёрӣ бо мақсади инкишоф додани фаъолияти савдо ва сармоягузории байни ИМА ва Ҷумҳурияти Ўзбекистон созмон ёфтааст, 9 августи соли 1993 дар шаҳри Вашингтон ба қайд гирифта шудааст. Созмондиҳандагони ПСАЎ зиёда аз 20 ширкатҳо ва бонкҳои бузурги Амрико, аз ҷумла «Нюмонт Майнинг», «Боинг», «Катерпиллер», «Эксон» ва ғайра шуданд. Аз ҷониби Ўзбекистон тақрибан бист: идораҳо, ширкатҳо, созмонҳо ва корхонаҳои истеҳсолотии давлатӣ узви ПСАЎ гардиданд.

Фаъолияти ПСАЎ, обрўи ширкатҳое, ки узви он ба шумор меравconfigured, имкон медиҳад, ки намояндагони ҷабҳаи тадбиркории ИМА аз хусуси имкониятҳои иқтидори Ўзбекистон васеъ хабардор бошанд. Ғайр аз ин онҳо шароитҳои заруриро барои ҷалб намудани сармояҳои ширкатҳои амрикоӣ ба иқтисодиёти кишвари мо ва инкишоф додани мубодилаи моли тарафайнро ба миён меоваранд. Фаъолияти палатаҳо ҳамчунин инкишофи робитаҳои мадании байни Ўзбекистон ва ИМА-ро дар бар мегирад.

ПСАЎ аз рўзи ташкилёбиаш дар Тошканд ва Вашингтон бо навбат ҷамъомади ҳарсолаи аъзои Палатаҳоро мегузаронад. Аз оғози соли 1997 ҷамъомад шакли конфронсро гирифт. Алҳол дар онҳо баробари аъзои ПСАЎ намояндагони ширкатҳои амрикоӣ, ки аз инкишофи фаъолияташон дар Ўзбекистон манфиатдоранд, ҳамчунин намояндагони ҳукуматӣ ва тадбиркории ҷумҳурии мо иштирок мекунанд.

Муовини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон, раиси Оҷонсии робитаҳои иқтисодии хориҷӣ Элёр Ғаниев ва президенти ПСАЎ Ҷеймс Корнелл дар ҷамъомади тошкандӣ баромад намуда, қайд карданд, ки созмони мазкур дар инкишофи алоқаҳои тиҷоративу иқтисодии байни ду кишвар саҳми бузург мегузорад.

Дар ҳақиқат алоқаҳои тиҷоратию иқтисодии байни Ўзбекистон ва ИМА дар фаъолияти иқтисоди хориҷии кишвари мо нақши муҳим мебозад. Агар ба рақамҳо муроҷиат намоем, инкишофи мустақими ҳамкориро мушоҳада хоҳем кард. Бинобар ҷамъбасти соли гузашта мубодилаи мол дар байни кишварҳо 404 миллион доллари ИМА-ро ташкил дод. Дар шаш моҳи соли равон ин нишондиҳанда аз 186 миллион доллари ИМА гузашт. Дар кишвари мо 355 корхона бо иштироки сармоягузорони амрикоӣ амал менамояд, ки 106-тои онҳо бо сармоягузории садфоизаи хориҷӣ созмон ёфтаанд. Ғайр аз ин тақрибан 60 фирма ва ширкатҳои бузурги ИМА дар Ўзбекистон намояндагии худро доранд.

Зикр бояд сохт, ки барои ба сатҳи сифатан нав бардоштани ҳамкории байни ду кишвар сафари расмии Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов моҳи марти соли гузашта ба ИМА омили муҳим гардид. Ҳуҷҷатҳое, ки дар рафти ин сафар ба имзо расиданд, асоси ҳуқуқии ҳамкории моро ғанитар сохтанд, барои ба сатҳи шарикии стратегӣ баланд бардоштани муносибатҳои ўзбекистонию амрикоӣ роҳ кушоданд.

Дар конфронс аз ҷониби амрикоиён аз хусуси натиҷаҳо ва пешомадҳои инкишофи иқтисодиёти Ўзбекистон ахбори муфассал пешниҳод гардид, меҳмонон ҳамчунин бо рафти раванди хусусигардонӣ ва инкишофи бозори коғазҳои қиматбаҳо дар кишвари мо ошно гардиданд.

Иштирокдорон ҷамъомадҳои шўъбаҳоро гузарониданд. Дар онҳо масъалаҳои вобаста ба пешомадҳои раванди хусусигардонӣ дар кишвари мо, рушди тадбиркории хурд ва миёна ва имкониятҳои сармоягузории кишвари мо муҳокама гардиданд.

Худи ҳамин рўз дар байни Вазорати кишоварзӣ ва хоҷагии оби Ўзбекистон ва Оҷонсии ИМА оид ба тиҷорат ва инкишоф дар бобати амалӣ гардонидани асоси техникию иқтисодӣ оид ба омўхтани имкониятҳои татбиқ намудани Лоиҳаи раёсати захираҳои об, ирригатсия ва азхудкунии заминҳо дар Ўзбекистон Шартнома ба имзо расид. Бинобар ин муоҳада Оҷонсии ИМА оид ба тиҷорат ва инкишоф 545 ҳазор доллари ИМА-ро ба сифати грант ҷудо менамояд.

**Саидмурод РАҲИМОВ, хабарнигори ЎзА.**

## Ба ҷамоаи дорандаи ордени «Дўстлик», комбинати маъданҳои кўҳии Навоӣ

Дўстони азиз!

Маро он чиз хурсандибахш аст, ки ҷамоаи сермиллати шуморо бо 45-солагии таъсис ёфтани комбинати маъданҳои кўҳии Навоӣ аз тахти дил муборакбод менамоям.

Аз фурсат истифода бурда дар ин рўзи хотирнишин мехоҳам самимияти ба ҳар кадоми шумо, ба ҳамаи онҳое, ки қувва ва ғайрати худро дареғ надошта, меҳнат мекунанд, сарвати бебаҳои минтақаи Қизилқумро азхуд менамоянд, самимияти гарму ҷўшони худро изҳор намоям.

Муболиға намешавад, агар гўем, ки дар муваффақиятҳое, ки Ватани мо тўли солҳои истиқлолият ба даст овардааст, саҳми комбинати шумо, ки дар иқтисодиёти Ўзбекистон мақоми махсус дорад, бағоят бузург аст.

Қайд кардан зарур аст, ки ҷамоаи комбинат душвориҳоеро, ки бинобар гусастани муносибатҳои хоҷагӣ баъд аз пароканда шудани Иттифоқи собиқ ба миён омада буд, бомуваффақият паси сар намуд. Дар солҳои истиқлолият шумо бинобар сифатҳои худ чун ташаббускорӣ ва ҷўяндагӣ, садоқат ба кори худ натанҳо дар шароити мураккаб корхонаи худро нигоҳ доштед, балки онро ба маҷмўи ҳозиразамони маъданистеҳсолкунӣ, ки метавонад бо ширкатҳои номдори олам рақобат кунад, табдил додед.

Хурсандибахш аст, ки ҳоло дар ин ҷо корхонаи ҳозиразамон амал мекунад, технологияи навтарин бомуваффақият истифода мешавад, истеҳсоли маҳсулоти барои сохтмон ва саноат, соҳаи кишоварзӣ зарур ба роҳ монда шудааст.

Муносибатҳои мустаҳкам ва дарозмўҳлати шарикӣ бо ширкатҳои бузурги олам ба шумо имкон медиҳад, ки сол аз сол ҳаҷми истеҳсолотро афзун намоед, кори мўътадили тамоми ҷабҳаҳоро ба роҳ монед, сармояҳои хориҷиро ҷалб созед.

Дўстони арҷманд!

Ман амиқан мўътақид ҳастам, ки бисёрии шумо маҳз дар ҳамин ҷо—дар регзорҳои Қизилқум, дар зери нурҳои тафсони офтоб бахти худро ёфтед, нишоти меҳнати бунёдкоронаро эҳсос намудед. Дар ин ҷо намояндагони миллатҳои зиёде, ки Ўзбекистонро Ватани худ мешуморанд, зиндагӣ ва кор мекунанд. Дар комбинат ҷамоаи меҳнатии байналмилал ташаккул ёфт ва мустаҳкам гардид. Вай бинобар иқтидор, кордонии олӣ, обутоби меҳнатӣ ва ҳаётӣ метавонад вазифаҳои душвортарини истеҳсолиро ҳаллу фасл намояд. Мо меҳнати фидокоронаи шумо ва сахматонро дар инкишофи иқтисодиёт ва мустаҳкам намудани истиқлолияти Ватани худ баланд арзёбӣ мекунем.

Ман хеле хурсандам, ки дар комбинат ҷавонони зиёд—идомадиҳандагони сазовори меҳнати қаҳрамононаи насли калонсол кор мекунанд. Инҳо насли нави мутахассисоне ҳастанд, ки дорои тафаккури эҷодӣ мебошанд, дар истеҳсолоти замонавӣ кор карда метавонанд. Мо барҳақ бо онҳо ифтихор менамоем. Дар комбинат ба ҷавонон баҳри меҳнати сермаҳсул, истироҳати хуб тамоми шароитҳо фароҳам аст, донишкадаи махсуси кўҳӣ кушода шудааст. Метавон бо итминон гуфт, киояндаи маҷмўи маъданистеҳсолкунии Навоӣ дар дасти ҷавонони умедбахш аст.

Ба меҳнатдўстони ҷамоаи бисёр хуби шумо аз тахти дил саломатии мустаҳкам, хушбахтии бузурги инсонӣ, беҳбудии оилавӣ, осудагӣ ва оромиро таманно дорам.

Бигузор дар дили шумо эҳсоси қаноатмандӣ аз меҳнат ҷовидона бошад!

**Ислом КАРИМОВ, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон.**

## Ҳамкорӣ мустаҳкам мегардад

***Дабири кулли НАТО Ҷорҷ Робертсон, ки дар мамлакати мо меҳмон мебошад, 25 сентябр бо Раиси Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон Э.Халилов вохўрд.***

Зимни гуфтугў сухан дар бораи масъалаҳои мустаҳкам намудани алоқаи тарафайн дар таъмини амнияти байналмилалӣ ва минтақавӣ рафт.

Худи ҳамон рўз Дабири кулли НАТО бо вазири корҳои хориҷӣ С.Сафоев ва вазири мудофиа Қ.Ғуломов мулоқот дошт. Дар ин мулоқотҳо тарафҳо мавзўъҳоеро муҳокима намуданд, ки бо мустаҳкам намудани амният ва пойдории Осиёи Марказӣ, вазъият дар Афғонистон ва мубориза муштарак бар зидди терроризми байналмилалӣ иртибот доштанд.

Ўзбекистон ва НАТО дар соҳаи ислоҳоти Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакати мо, таъмини воситаҳои техникӣ ва мубориза бар зидди терроризм босамар ҳамкорӣ менамоянд.

Дар доираи барномаи «Мушорикат ба хотири сулҳ» ба нақша гирифта шудааст, ки лоиҳаи якҷоя доир ба созмон додани Маркази омодагӣ дар Тошканд татбиқ гардад. Ҳамчунин дар нақшаҳои оянда пешбинӣ гардидааст, ки расондани таҷҳизоти ҳарбию техникӣ ва васеъ намудани ҳамкорӣ дар соҳаи мудофиаи шаҳрвандӣ тезонда шавад.

Дар нимаи дуюми рўз Ҷ.Робертсон бо ҳайати профессорону устодон ва шунавандагони Фарҳангистони давлатӣ ва сохтмони ҷамъияти назди Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон мулоқот намуд. Дар ин гуфтугузор, ки аз рўи муносибати Ўзбекистон ва НАТО, масъалаҳои байналмилалӣ мубодилаи афкор ба миён омад, махсус таъкид гардид, ки байни ин созмон ва мамлакати мо алоқаҳо мунтазам инкишоф меёбанд.

**Н.ЎЛҶАБОЕВ. (ЎзА).**

## Ўзбекистон аз назари роҳбарияти НАТО

***ТОШКАНД. (Хабарнигори ЎзА Н.УСМОНОВА). Дар Маркази ҳунари муосири Фарҳангистони ҳунари Ўзбекистон намоиши суратҳо зери унвони «Ўзбекистон—Шотландия: назари роҳбарияти НАТО» ифтитоҳ гардид.***

Онро Вазорати корҳои хориҷии ҷумҳурӣ ва Хонаи фотографияи Тошканд ташкил намуданд. Дар он беш аз 50 акси Дабири кулли НАТО Ҷ.Робертсон, ки ҳоло дар мамлакати мо меҳмон мебошад, ба намоиш гузошта шуданд.

Дар кушодани намоиш таъкид гардид, ки дар баробари мустаҳкам гардидани алоқаҳои иқтисодӣ, равшаннамоӣ, илмӣ ва фарҳангӣ байни кишварҳои Шарқ ва Ғарб, инчунин дар муборизаи зидди терроризми байналмилалӣ кори якҷоя бурда мешавад.

—Се сол қабл аз ин ман дар Ўзбекистон будам ва аз шаҳрҳои Шарқи қадима—Самарқанд ва Бухоро боздид намудам,—мегўяд Ҷ.Робертсон.—Он вақт ман натанҳо аз ёдгориҳои бузург мутаассир гардидам, балки таърихи бузурги мамлакати шумо, фарҳанги қадима ва бой, маънавият ва самимияти шумо, мардуми ҳимматбаланду дилкушод низ маро тасхир намуданд. Барои ман ҳиссиёти худро баён намудан душвор аст. Аз ин рў хостам, ки ин ҳиссиёт ва таассуроти худро ба воситаи аксҳо ифода намоям.

Боздидкунандагони намоишгоҳ шоҳиди он гардиданд, ки устоди кори худ аз тариқи фотография кишвари пурнеъмати моро чӣ гуна бо истеъдоди баланд ба тасвир оварда, табиат ва ёдгориҳои бетакрору қадимӣ, образи ҳамватанони меҳнатқаринамонро акс намудааст. **(ЎзА).**

## Ҷашни кончиён

***Тақрибан панҷоҳ сол муқаддам дар даштҳои Қизилқум, аниқтараш дар Учқудуқ кони уран ёфт шуд. Ин сабаби бунёди комбинати маъданҳои кўҳии Навоӣ гардид.***

Соли 1959, вақте ки ҳанўз коммуникатсияҳои инженерӣ ва базаҳои сохтмон созмон наёфта буданд, кончиён ба бунёди кони дуюми зеризаминӣ ва нақби якум сар карданд. Соле нагузашта боз се кон ва се нақб бунёд ёфт. Худи ҳамон сол сохтмонҳои комбинати кимёвии Навоӣ, заводи семент, ГРЭС-и Навоӣ ибтидо гирифтанд. Сохтмони ГРЭС дар зарфи се сол ба охир расид ва дар мўҳлати кўтоҳ он ба истгоҳи барқии бузургтарини Осиёи Марказӣ табдил ёфт.

Ва инак аз оғози ин кор 45 сол гузашт. Дар қасри маданияти «Фарҳод»-и шаҳр маросими мутантан бахшида ба ҷашни комбинати маъданҳои кўҳии Навоӣ ба амал омад.

Номаи муборакбодии Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримовро ба ҷамоаи комбинати маъданҳои кўҳии Навоӣ Нахуствазир Ў.Султонов қироат намуд.

Алҳол комбинат яке аз корхонаҳои пешқадам ба шумор меравад. Баъд аз истиқлолияти худро ба даст овардани кишвар дар фаъолияти корхона ҳам дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Дар солҳои истиқлолият ҳаҷми истеҳсоли тилло дар комбинат якуним баробар афзуд.

Соли 1995 дар Учқудуқ навбати якуми заводи сеюми гидрометаллургӣ ба истифода супурда шуд. Худи ҳамин сол корхонаи муштараки ўзбекистонию амрикоии «Зарафшон—Нюмонт» ба кор пардохт. Корхонаҳои муштараки «Зариспарк», «Агама»-ро, ки фаъолияти худро солҳои аввали истиқлолият сар карда буданд, ҳоло дар хориҷа ҳам хуб медонанд.

Алҳол шумори маҳсулотеро, ки дар комбинат истеҳсол мегардад, муайян кардан душвор аст. Тахтаҳои мармарин, даҳҳо намуди молҳои ниёзи мардум, ки дар шўъбаҳои Шимолӣ ва Ҷанубии заводи мошинистеҳсолкунии Навоӣ истеҳсол карда мешаванд, талабгорони зиёд доранд.

Бинобар Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон ба муносибати 45-солагии комбинати маъданҳои кўҳии Навоӣ гурўҳи коргарони комбинат бо унвонҳои фахрӣ, ордену медалҳои Ватан мукофотонида шуданд.

Дар тадбир ин мукофотҳои олӣ ба барандагони онҳо супурда шуданд.

Раиси ширкати давлатии «Қизилқумнодирметаллолтин» Қаҳрамони Ўзбекистон Н.Кучерский ба сухан баромада, ба роҳбарияти кишвар барои ғамхориашон оид ба инкишофи саноати маъдани кишвар изҳори сипос намуд. Маросим бо консерти калони устодони санъат хотима ёфт.

Дар тадбир ҳокими вилояти Навоӣ Б.Рўзиев иштирок намуд.

**(ЎзА).**

## Ўзбекистон—ҳамқадами замон

***Ҳамагӣ чанд сол қабл, вақте ки дар кинофилмҳои амрикоӣ дар дасти қаҳрамонони филм телефонҳои мобилӣ (яъне ҳамроҳ)-ро бинем, дар ҳайрат меафтодем. Бо телефон гап зада дидани симои шахси ҳамсўҳбати дар ҷои дур буда, низ афсонавӣ менамуд. Дар хона касе нест, аммо вай хуб «посбонӣ» мешавад. Баробари ба дар, ё қулфи хонаи шумо наздик омадани шахси шубҳанок (аниқтараш—дузд) ба шўъбаи дахлдори корҳои дохилӣ «шумхабар» мерасад. Бар замми ин, чунин «посбонҳо»-и замонавӣ ҳам мавҷуданд, ки акси «меҳмони нохонда» сабти навор мешавад. Асбобаки назарногире, ки дар шифти хонаи шумо насб мегардад, хонаро аз сўхтор эмин медорад...***

Дар шўъбаҳои умури давлатӣ бо пахш намудани тугмачае ва сабт кардани ному насаби шахси қобили таваҷҷўҳ ҳама маълумотҳоро дар бораи вай рўи экран мехонанд. Ҳатто маълумотҳоеро ҳам донистан мумкин, ки худи соҳибном аз вай бехабар аст. Мисле ки ходими шўъбаи паспорт ин ҳуҷҷатро аз дасти шумо гирифтан ҳамон метавонад дар як он оиди тарҷимаи ҳол, додани андоз, хешу ақорибиатон, касб ва машғулиятҳои рўзмарраатон, сол, ҷои таваллуд ва ғайраҳо маълумот гирад. Ҳамин тавр, хоҳу нохоҳ мо низ ба олами техника ва технологияи замонавии электронӣ ворид шудаем. Махсусан, дар соҳаи ҳисобу китоби бонкҳо аз ин василаи қулай босамар истифода мекунанд. Дар натиҷа, оператор тугмаи даркориро пахш мекунаду маблағи амонат, фоизи зиёдшудаи он, пули аз ҳисоби шумо барои иҷораи хонаатон, ё ба ивази истифодаи энергияи электр, ё телефон интиқол намударо ба шумо мегўяд. Мисоли дигар, ба воситаи «факс» интиқол намудани ҳуҷҷат ва ё дигар мавод аз як гўшаи олам ба дигараш...Ин ҳама аз пешрафти техника, комёбиҳои илм шаҳодат медиҳад.

xxx

Ба ин чизҳо унс гирифта одат карда мондани мо гувоҳи он аст, ки мо дар замони нав, дар ҷамъияти мутараққӣ умр ба сар мебарем. Аммо, барои аҳли деҳот бисёре аз ин навигариҳо дастнорас, аз истифода дур аст, ҳатто нақли ин, барои баъзеҳо афсона барин метобад. Чунин ҳол на фақат дар Ўзбекистон, дар бисёр мамлакатҳои пешрафта ҳам ба аҳволи мо монанд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ баҳри пеш бурдани ҳаёти аҳли башар иқдом менамояд.

Созмони Милали Муттаҳид ба мақсади фаро гирифтани тамоми аҳли башар бо комёбиҳои илму фан барномаҳои махсус таҳия менамояд, мувофиқи он тадбирҳо мебинад. Ўзбекистони соҳибистиқлол, гарчи дар давраи гузариш қарор дорад, аз ҷумлаи узви

**«ЎзТел — 2003»**

фаъоли ҷомеаи ҷаҳонӣ, дар тадбирҳои байналхалқӣ мунтазам ва бо камоли майл иштирок менамояд. Баргузории тадбири байналхалқии «ЎзТел—2003», ки дар таърихи 23-24 сентябр дар Тошканд гузашт, ба ин мисоли равшан мебошад.

«Виставкаи чоруми байналхалқии Ўзбекистон оид ба телекоммуникатсия ва технологияҳои компютерӣ» давоми мантиқии семинари байналхалқии «Вазъи кунунӣ ва дурнамои тараққиёти технологияи информатсионӣ-коммуникатсионӣ дар Ўзбекистон» мебошад, ки тибқи барномаи СММ дар чаҳорчўбаи татбиқи барномаи «Ташаббуси рушди рақамӣ» (ДДИ) аст, ки он 26-27 ноябри соли 2002 дар Тошканд барпо гашта буд. «Ташаббуси рушди рақамӣ»-и СММ бо Ўзбекистон алоқаи мустаҳкам дорад. Ҳадафи вай—ҷорӣ намудани технологияи навтарини информатсионӣ-коммуникатсионӣ дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи Ўзбекистон мебошад. Ҳукумати Ўзбекистон дар ин кор ва тадбирҳо саҳми калон дорад. Намоиши технологияи замонавитарини 80 фирмаю муассисаи тараққикардаи ҷаҳон дар Тошканд аз он далолат менамояд, ки Ўзбекистон ҳамқадами замон мешавад. Дар намоишгоҳи марказии Ўзбекистон— «Ўзэкспомарказ» дастгоҳҳои информатсионии соҳаҳои хизматрасонӣ барои органҳои қудратӣ, амният, ҳисобу китоб, таълим, матбуот, фарҳанг, хулласи калом, ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти инсон намоиш



меёбанд. Дар як вақт машварату маслиҳат оиди ба даст овардан, харидории ин ё он мошину олот ба чашм мерасид.

(Давомаш дар саҳ.2)

## Вохўриҳои босамар

**ТОШКАНД. (Мухбири ЎзА Н.ЎЛҶАБОЕВ).** Ҳайати меҳмононе, ки бо сардории Элжбет Радзашевска— раиси гурўҳи парламентии Сейми Ҷумҳурияти Полша, раиси гурўҳи парламентии Полша—Ўзбекистон, дирўз бо ҷонишини сарвазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон раиси Оҷонсии оид ба робитаҳои иқтисодии берунӣ Элёр Ғаниев вохўрд.

Ҳангоми мулоқот масъалаҳои боз ҳам вусъат бахшидани ҳамкориҳои иқтисодии Ўзбекистону Полша муҳокима гардиданд.

Дар ҷараёни вохўрӣ бо вазири мудофиа—Қодир Ғуломов меҳмонон дар бобати инкишофи ҳамкории ҳарбӣ-техникии ду мамлакат мубодилаи афкор доштанд.

Намояндагони Сейм инчунин бо профессорон ва муаллимон, бо донишҷўёни шўъбаи журналистикаи байналхалқии Университети давлатии забонҳои ҷаҳони Ўзбекистон, ки забони полякиро меомўзанд, сўҳбат намуданд.

## Ҳар ҷо бошед, бо «Овоз» бошед!



*Мавсими асосии обуна ба нашрияҳои даврӣ фаро расид. Аслан дар ин солҳои охир «мавсими обуна» вуҷуд надорад, зеро ҳар хоҳишманд барои як моҳ, ду моҳ,... ним сол ва ё тамоми сол метавонад обуна шавад.*

*Ҳамчунин барои «Овози тоҷик», ки рўзномаи ягонаи сартосарии тоҷикии Ўзбекистон аст. Ҳар касе, ки меҳре ба он дошта бошад, бароящ фурсат расид, ки ба шўъбаи алоқа муроҷиат намояд ва обунаро ба соли оянда расмӣ созад. Вагарна бе «Овоз» рўзгор чӣ гуна мешавад!?*

***Индекси обуна:***

***барои шахсони алоҳида: 170***

***барои корхонаҳо: 171***

